СММ DP/DCP/TAJ/3/

# Шӯрои Иҷроияи Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид, Хазинаи Аҳолии Созмони Милали Муттаҳид ва Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба хизматрасонии лоиҳавӣ

Тақсимот: умумӣ
27 июни соли 2022

Нусхаи асосӣ: Англисӣ

**Сессияи дуюми навбатӣ, соли 2022**
Аз 29 август то 1 сентябри соли 2022, ш. Нью Йорк
Банди 3-и рӯзномаи тахминӣ
**Барномаҳои кишварӣ ва масъалаҳои ба он вобаста**

## Ҳуҷҷати барномаи кишварӣ барои Тоҷикистон (2023-2026)

Мундариҷа

| | | Саҳ. |
|---|---|---|
| I. | БРСММ дар Чаҳорчӯбаи Ҳамкории Созмони Милали Муттаҳид оиди Рушд ………………… | 2 |
| II. | Афзалиятҳои барнома ва ҳамкориҳои шарикӣ………………………………………………. | 4 |
| III. | Барнома ва идоракунии хавфҳо | 7 |
| IV. | Мониторинг ва хавфҳо ……………………………………………………..…………………… | 8 |
| Замима | | |
| | Чаҳорчӯбаи натиҷаҳо ва захираҳо барои Тоҷикистон (2023-2026) | 9 |

# I. БРСММ дар доираи чаҳорчӯбаи ҳамкории Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди устувор

1. Тоҷикистон ин кишварест бо даромади миёна, бе роҳи баромад ба баҳр[1], бо аҳолии 9,5 миллион нафар, ки бо Афғонистон, Хитой, Қирғизистон ва Узбекистон ҳамсарҳад аст. Аз чор се хиссаи ахолӣ дар дехот зиндагӣ мекунад. Кишвар оид ба нишондоди индекси рушди инсонӣ[2] байни 189 кишвар ҷои 125-умро, бо индекси рушди гендерӣ, ки ба 0.823[3] баробар аст ишғол менамояд. Тоҷикистон, баъд аз ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991, ба дастовардҳои муҳим оид ба рушд, оид ба сулҳ ва субот ноил гашт. Сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоиз дар соли 2000 то 26,3 фоиз дар соли 2019 поён фаромад. Маҷмӯи воқеии маҳсулоти дохилӣ (ММД) аз 6,5 миллиард доллар дар соли 2011 то 8,2 миллиард доллар дар соли 2020, бо 7 фоиз суръати миёна, афзоиш ёфт[4].
2. Нобаробарӣ байни гурӯҳҳои аҳолӣ ва байни шаҳру деҳот ҳоло ҳам зиёд аст. 7,4 фоизи аҳолӣ камбизоатанд[5], дар ҳоле ки осебпазирӣ ба камбизоатии бисёрҷанба ба 20.1 фоиз расидааст (7 фоиз дар шаҳрҳо ва 24,3 фоиз дар деҳот)[6].Норасоӣ ва ноустувории озуқаворӣ ва дастрасӣ ба захираҳои энергетикии боэътимод ва устувор масъалаҳои муҳими ҳалталаб дар соҳаи рушд боқӣ мемонанд.
3. Ҳукумат эътироф менамояд, ки бахши хусусӣ ин омили асосии пешбарандаи рушди иқтисодӣ дар Тоҷикистон мебошад ва аз ин рӯ, дар беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ пешравии муҳим ба даст оварда шудааст. Сарфи назар аз ин, нархи хароҷотҳо вобаста ба оғоз намудани тиҷорат мутаносибан баланд боқӣ мемонад. Диверсификатсияи (гуногуншаклии) маҳдуди иқтисодӣ ва имкониятҳои нокифояи бо кор таъминкунӣ ҳаҷми зиёди иқтисодиёти ғайрирасмӣ[7] ва шумораи зиёди коргаронеро, ки ба Россия муҳоҷират мекунанд[8], маънидод мекунад.
4. Ҳукумат оид ба дохил намудани Ҳадафҳои Рушди Устувор (ҲРУ) ба сиёсат ва нақшаҳои миллӣ чораҳои қатъӣ андешидааст. Стратегияи миллии рушд (СМР) барои давраи то соли 2030 ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ тавассути гузариши ба нақша гирифташуда ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ равона шудааст[9]. Гарчанде, ки равиши рушди зермиллӣ, яъне дар сатҳи ноҳияҳо ва вилоятҳо, дар доираи СМР оғоз шудааст ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ афзоиш ёфтаст, ислоҳот бисёртар дар сатҳои марказӣ тамаркуз дода шудааст ва нобаробариҳои гуногунҷабҳаи минтақавӣ боқӣ мондаанд. Ба аксари аҳолии деҳот ҳоло ҳам хизматрасониҳои асосӣ ва энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза дастрас нест. Рушди минтақавӣ роҳи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои СМР ба ҳисоб меравад.
5. Сарфи назар аз пешравӣ дар дохил намудани масъалаи баробарии гендерӣ ба нақшаҳо, стратегияҳо ва қонунҳо оиди рушд, душвориҳои бузург боқӣ мондаанд. Бо назардошти қаринаи (контексти) маҳаллӣ, Тоҷикистон дар соли 2020[10] байни 153 кишвар ҷои 137-ро оид ба индекси глобалии тафовути гендерӣ[11] ишғол намуд. Намояндагии занон дар муассисаҳои қонунқабулкунӣ ва қонунгузорӣ баъд аз интихоботи соли 2020 каме зиёд шуд, вале барои ҳал намудани масъалаи иштироки занон ва бартараф намудани нобаробарии гендерӣ дар пардохти музди кори занон ва мардон корҳои доимӣ бурдан лозим аст. Ба нақшаҳои гендерӣ ҳоло ҳам арзишҳои расмӣ таъсир мерасонанд. Ҳукумати кишвар барои андешидани чораҳои дахлдор оид ба баланд бардоштани вазъи занон дар ҷомеа, таъмин намудани ҳуқуқҳои конститутсионии онҳо, зиёдтар ҷалб намудани онҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, ҳалли мушкилоти демографӣ, мусоидат намудан ба тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани сатҳи маълумот ва дастгирӣ намудани онҳо дар нақшаҳои роҳбарикунанда диққати махсус медиҳад.
6. Ҷавонони Тоҷикистон[12] як дивиденди бузурги демографиро ташкил менамоянд. Сеяки ҷавонони Тоҷикистон (7,2 фоизи мардон ва 49,3 фоизи занҳо) маълумот надоранд, кор намекунанд ё ягон омӯзиш нагирифтаанд.[13] Ҳар сол тақрибан 100 000 ҷавонон ба бозори меҳнат ворид мешаванд, вале системаҳои маориф, бо кор таъминкунӣ (шуғл) ва омӯзишӣ ба талаботи қувваи корӣ мувофиқат намекунад. Ҳал кардани масъалаҳои ҳалталаби фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодие, ки ҷавонон дучор меоянд, ва инчунин ҷалбу

[1] ММД ба ҳар сари аҳолӣ 863 доллари ИМА-ро ташкил мекунад.
[2] Ҳисобот оиди рушди инсон (HDR), БРСММ, 2020.
[3] *Аз ҳамон манбаъ*
[4] Шарҳи Тоҷикистон: навигариҳо, тадқиқот, маълумот оиди рушд, Бонки Ҷаҳонӣ.
[5] HDR 2020.
[6] Шарҳи кутоҳ оиди Тоҷикистон, Ташаббуси Оксфорд оиди камбизоатӣ ва рушди инсон, Университети Оксфорд, соли 2021.
[7] Тақрибан 50 фоизи шуғли умумӣ (Барномаи миёнамӯҳлати рушд (MTDP 2021-2025)
[8] Тақрибан 500,000 нафар ҳар сол ба муҳоҷират мераванд (85.5 фоизи онҳо мардҳо аз деҳотҷой мебошанд). Интиқолҳои пулӣ қариб 29 фоиз ММД-ро ташкил мекунанд.
[9] Бахши хоҷагии қишлоқ 70 фоизи қуваи кориро бо кор таъмин мекунад ва 25 фоизи ММД-ро ташкил мекунад.
[10] Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ, Ҳисоботи глобалӣ оиди тафовути гендерӣ, соли 2020.
[11] Занҳо 12 ҷойро аз 64 ҷой дар Парламент ишғол мекунанд ва аз байни нӯҳ Кумитаи Парламентӣ дутоашро сарварӣ мекунанд .
[12] 50 фоизи аҳолиро ҷавонон аз синни 24 поён ташкил мекунанд
[13] Арзёбии кишварии гендерӣ, Тоҷикистон, Бонки Ҷаҳонӣ, 2021

иштироки фаъоли онҳо барои нигоҳ доштани ягонагӣ ва муттаҳидии иҷтимоӣ дар ҷомеа муҳим арзёбӣ карда мешавад.

7. Сарфи назар аз ислоҳоти гузашта ва ҳозира, ва кӯшишҳои давлат оид ба афзалиятнок намудани идоракунии демократӣ, волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, дар фаъолият оид ба самаранокии идоракунӣ, волоияти қонун, иштироки одамон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва дар мубориза бо коррупсия[14] ҳоло ҳам душвориҳо мондаанд. Дар ислоҳоти идоракунии давлатӣ манфиатдор буда, Ҳукумат ҷиҳати навсозӣ ва рақамӣ кунонидани бахши давлатӣ чораҳои лозима дида истодааст. Барои мусоидат намудан ба бахши хусусӣ ва беҳтар намудани ҳифзи ҳуқуқҳо бахши адлияро такмил додан лозим аст. Соли 2020 қонун оиди ёрии ҳуқуқӣ қабул шуд; аммо имкониятҳо ва иқтидори расондани ин гуна ёрӣ бояд таҳким дода шавад ва инчунин воқифии ҳуқуқии аҳолиро беҳтар карда баланд бардоштан мумкин аст.

8. Гарчанде, ки Тоҷикистон аз ҷиҳати сиёсӣ устувор бошад ҳам, кишвар ба таҳдидҳои минтақавии экстремизми (моҷароҷӯии) зуроварона дучор шуда истодааст. Барои баровардани Тоҷикистон ба сатҳҳои баландтари некӯаҳволӣ ва ҳамзамон нигоҳ доштани муттаҳидии иҷтимоӣ, мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва амниятиро ба таври мутобиқ карда шуда ҳал намудан лозим аст. Дар солҳои оянда ба тамоюл ва равандҳои рушд дар кишвар бӯҳрони ҳозираи Украина таъсир расонда метавонад.

9. Сар задани Ковид-19 дар Тоҷикистон осебпазирии бисёрҷонибаи кишварро афзоиш дод ва системаи ҳифзи иҷтимоиро заиф гардонд. Пандемия системаи тандурустиро хеле такон дод, рушди иқтисодиётро суст намуд[15] ва бозори меҳнатро заиф гардонд. Занҳо ва ҷавонон ба хатари бештари дар муддати тӯлонӣ бекор мондан дучор шуда истодаанд ва интиқолҳои пулии кам шуда истода[16] боиси кам шудани истеъмол дар хонаводаҳо гардид. Сарфи назар аз афзоиши нӯхфоизаи ММД дар соли 2021, таъсири COVID-19 – якҷоя бо оқибатҳои ба бӯҳрони Укрина вобаста - метавонад пешрафтро дар самти комёб шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор ва ҳадафҳои СМР халалдор намояд. Илова бар ин, барои барқарор намудани иқтисодиёт баъд аз COVID-19, аз ҷумла ҳавасманд намудани тиҷорати хурд ва миёна, дастигирӣ намудани гурӯҳҳои осебпазир ва дидани чораҳо бар зидди эпидемия, дастгирии иловагӣ лозим аст.

10. Назарияи БРСММ оид ба тағйиротҳо ин гуна назарияи Чаҳорчӯбаи ҳамкории Созмони Милали Муттаҳидро оид ба рушди устувор (UNSDCF) инъикос менамояд: "Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ тавассути рушди устувори иқтисодӣ ва татбиқи имкониятҳои баробар барои ҳар як шахс, дар сурати мавҷуд будани сармоягузорӣ барои хизматрасонии босифати иҷтимоӣ, мусоидат намудан ба рушди бахши хусусӣ бо мақсади ба пеш бурдани рушди “сабз” (аз ҷиҳати экологӣ тоза) ва таъсиси ҷойҳои корӣ, ҷорӣ намудани идоракунии муҳити атроф, паст кардани хатари офатҳои табиӣ ва мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим ва кам кардани таъсири он ва инчунин мавҷуд будани сармоягузориҳо ба бахши идоракунии давлатӣ, бахши адлия ва ниҳодҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон, таъмин намудани баробарии гендерӣ ва вусъат додани ҳуқуқ ва имкониятҳо барои занон, имконпазир аст”. БРСММ боз ҳам кӯшиш менамояд, ки дар доираи UNSDCF ба тағйироти пайваста ва намоён комёб шавад ва Тоҷикистонро дар нигоҳ доштани сатҳи беҳтари зиндагӣ тавассути таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва барои ҳама таъмин намудани имкониятҳои баробар барои амалӣ намудани иқтидори худ дар асоси баробарӣ, адолат ва эҳтиром намудани шаъни инсон, дастгирӣ менамояд.[17]

11. Дар Арзёбии мустақили барномаи кишварӣ (ICPE), ки соли 2020 гузаронда шуд, диққати махсус ба он ҷалб карда шудааст, ки БРСММ мавқеи худро аз ҷиҳати стратегӣ ҳамчун шарики мӯътамад ва таъминкунандаи боэътимоди хизматҳои машваратӣ ва хизматрасонӣ оиди рушд бо мақсади таъмини иҷрои СМР-и Тоҷикистон муайян намудааст. БРСММ дар беҳтар намудани системаи идоракунӣ, таъмини волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолат саҳмгузор аст. БРСММ ходимони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва табақаҳои осебпазири аҳолиро фаъолона ҷалб намуда, дар беҳтар намудани имкониятҳои бо кор таъминкунӣ, рушди соҳибкорӣ ва тиҷорат нақши катилитикӣ (фаъолкунандаро) бозид. БРСММ инчунин ба паст кардани оқибатҳои тағирёбии иқлим тавассути беҳтар намудани муҳити қонунгузорӣ, сиёсӣ ва танзимӣ барои рушди васеътари гидроэнергетикаи хурд ва энергияи “сабз” (аз ҷиҳати экологӣ тоза), истифода ва идоракунии беҳтари захираҳои об мусоидат намудааст.

12. БРСММ сафарбар намудани таҷрибаи байнисоҳавии худро дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ барои таъмини муттасилӣ ва устуворӣ дар расондани кӯмак ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳамкории зич бо агентиҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикон оиди рушд идома медиҳад. Дар якҷоягӣ бо Департаменти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид (UNDESA), БРСММ ба

[14] WGI 2021 Интерактивӣ > Дастрасӣ ба маълумоти интерактивӣ (worldbank.org).

[15] Тақрибан ба 65 фоизи корхонаҳои микро, хурд ва миёна бинобар пандемия зарар расонда шуд ва 25 фоизи ин корхонаҳо маҷбур шуданд фаъолияти худро муваққатан қатъ намоянд.

[16] Дар семоҳаи аввали соли 2020 ҳаҷми интиқолҳои пулӣ ба 20 фоиз кам шуд

[17] Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон, Тоҷикистон дар соли 2030, саҳ. 8.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими чаҳорчӯбаи миллии мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва маблағгузории Ҳадафҳои Рушди Устувор, аз ҷумла дар ҷамъ овардани маълумоти мукаммали саҳеҳ ва муфассал ва гузаронидани тадқиқот оид ба осебпазирии иҷтимоӣ-иқтисодӣ кӯмак медиҳад.

13. БРСММ нақши худро ҳамчун агентии пешбари техникии Созмони Милали Муттаҳид оид ба иҷрои нақшаи барқарорсозии иҷтимоӣ-иқтисодӣ баъд аз COVID-19, тавассути чораҳои ҷавобии мувофиқа карда шудаи Созмони Милали Муттаҳид, ки бо бо ҳадафҳои дар UNSDCF муайян карда шуда мувофиқанд, иҷро менамояд. БРСММ дар қабул кардани қарорҳои ҳамгирошуда тавассути аниқ намудани талаботҳои муайян, муқаррар кардани сабаби хавфу хатарҳо ва кор карда баромадани чораҳои ҷавобии ҳаматарафа, ки натиҷаҳои мусбии ба қарина вобаста меоранд ва ба ҷамоатҳои мӯҳтоҷ фоида мерасонанд, мусоидат менамояд. Натиҷаҳои равшану возеҳ ва устувор гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро тобовартар мекунанд, имкониятҳои идораҳои ҳукуматии маҳаллиро васеъ мегардонанд ва бӯҳронҳои ояндаро пешгирӣ менамоянд.

14. Муваффақиятҳои барномавии БРСММ ва вусъатдиҳии мудохилаҳои он бо мавқеъи аз сиёсат дур будаи он дар Тоҷикистон вобастааст ва инчунин бо риоя намудани принсипҳои бетарафӣ, беғаразӣ ва мустақилӣ ҳангоми ҳамкории стратегии шарикӣ бо донорон ва тарафҳои манфиатдор ва додани диққати махсус ба талабот ва осебпазирии одамон мувофиқи принсипи “ҳеҷ кас фаромуш намешавад” вобастагӣ дорад. Бартарии нисбии БРСММ, дар асоси қобилияти он оиди ҷалб намудан, таъсир расондан ва дастрас намудани доираи васеи захираҳо барои рушд, аз омилҳои зерин мебароянд: а) ҷорӣ намудани рӯзномаи Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) тавассути ташкил намудани платформаҳо, ки ба дигар агентиҳо ва шариконии Созмони Милали Муттаҳид имкон медиҳад, ки маслиҳатҳои сиёсӣ, роҳнамоӣ ва таҷрибаи озмудашударо пешниҳод кунанд; б) роҳбарии оқилона ва қобилияти истифодаи маълумот ва маводҳои аналитикӣ барои пайвастани таҳлили иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ; в) қобилияти пайваст намудани тавсияҳои методикии аз боло ба поён дода шуда бо қарорҳои аз поён ба боло карда шуда; г) намояндагӣ ва ҳузури доимии БРСММ ва имконияти рушди дарозмуддат, ки барои зиёд намудани миқёси лоиҳаҳои таҷрибавии бомуваффақият ва барои татбиқ кардани онҳо ба чаҳорчӯбаи сиёсӣ ва қонунӣ имкон медиҳад; д) қобилияти ворид намудани тахассус ва таҷрибаи байналмилалӣ, қабул намудани усулҳои умумидавлатӣ ва умумишаҳрвандӣ ва мусоидат намудан ба муколама ва ҳалли якҷоя масъалаҳои ҳалталаб; е) додани диққати асосӣ ба навовариҳо, гузаронидани озмоишҳо ва мусоидат намудан ба тезонидани тағйироти табдилдиҳанда бо истифода аз таҷрибаи озмоишгоҳҳои суръатфизои БРСММ. ж) вусъат додани фаъолияти идораҳо дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ барои мусоидат намудан ба рушди маҳаллӣ ва инчунин ба он, ки ислоҳоти иқтисодӣ бо иштироки ҳама тарафҳои манфиатдор гузашта, ба бартараф намудани хавфҳо нигаронида шуда ва устувор бошад.

## II. Афзалиятҳои барнома ва ҳамкориҳои шарикӣ

15. Ҳуҷҷати Барномавии Кишвар (ХБК) дар машварат бо ҷонибҳои манфиатдори давлатӣ ва ғайридавлатӣ, донорон, шарикон оиди рушд, дигар агентиҳои Созмони Милали Муттаҳид ва Дафтари Ҳамоҳангсози Доимӣ таҳия шудааст. Мувофиқи Нақшаи стратегии БРСММ барои солҳои 2022-2026, UNSDCF 2023-2026 ва натиҷаҳои машваратҳои бисёрҷониба, БРСММ Тоҷикистонро барои пешбурди ҳадафҳои рушди кишвар, бахусус он ҳадафҳое, ки ба рӯзномаи рушди устувори миллӣ таъсири зиёдтари суръатфизо мебахшанд, дастгирӣ хоҳад кард. Идораҳои ҳокимияти миллӣ мувофиқ будани афзалиятҳои барномаро барои ба даст овардани натиҷаҳои рушди устувор тавассути корҳои якҷоя ва муштарак тасдиқ менамоянд.

16. Мутобиқи Нақшаи стратегии БРСММ, ҳангоми таҳия намудани ҲБК Шабакаи сиёсати глобалии БРСММ барои дастгирии се самти тағйирот ҷалб карда мешавад: якон кас бояд фаромуш нашавад, тағйироти сохторӣ ва таҳкими устуворӣ; татбиқи шаш роҳи ҳалли имзоиявӣ[18] Нақшаи стратегии БРСММ барои солҳои 2022-2025 ва пеш бурдани се омили мусоидаткунандаи рушд: навовариҳои стратегӣ, дигитализатсия (рақамикунонӣ) ва маблағгузорӣ намудани ҳадафҳои рушд).

17. Барномаи нави кишварӣ ба пуррагӣ мувофиқи UNSDCF, бо инъикоси афзалиятҳои стратегӣ ва натиҷаҳои ҳамкорӣ таҳия шудааст. БРСММ бевосита ба се аз чаҳор натиҷаи ба ҳам алоқаманди UNSDCF мусоидат менамояд: i) рушди устувор, фарогир ва “сабзи” (аз ҷиҳати экологӣ тозаи) иқтисодӣ; ii) идоракунии ҳамгирошудаи хавфу хатарҳои иқлимӣ ва экологӣ ва iii) идоракунии ба талаботи мардум нигаронида шуда ва волоияти қонун.

[18] Энергетика, камбизоатӣ ва нобаробарӣ, идоракунӣ, муҳити атроф, устуворӣ ва баробарии гендерӣ.

18. Ҳамчун ташкилоти ҳамгирокунанда, пайвасткунанда ва навовар, БРСММ пешниҳоди ҳалли ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳалталаб ва платформаҳоро барои дастгирии усули мувофиқа кардашудаи системаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба комёб шудан ба хизматрасонӣ доир ба ҲРУ, мувофиқи принсипи "Ягонагии амалиёт" дар рӯҳи барномасозии муштарак барои гирифтани натиҷаҳои умумӣ дар доираи UNSDCF, таъмин менамояд. БРСММ инчунин ҳамкории Ҷануб-Ҷануб ва ҳамкории сетарафаро тавассути ҷорӣ намудани таҷрибаҳои пешқадам, захираҳои дониш, мисолҳои муваффақиятҳои ба даст оварда шуда, дарсҳои аз кишварҳои минтақа ва аз он берун омӯхта шуда, таҳким менамояд. Қобилияти якҷо овардани ҳукуматҳои кишварҳо, шаҳрвандон, намояндагони сектори хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар шарикон дар ҳамаи сатҳҳо ба БРСММ барои тақвият додани ҳамкориҳои шарикӣ ва таъмин намудани ҳалли ҳамгирошуда ва бисёрҷанба кӯмак мерасонад, ки он лоиҳаҳои таҷрибавиро дар бар мегирад, ки масъалаҳои мушкилро оид ба рушд дар Тоҷикистон ҳал менамоянд. Ин гуна муносибати маҷмӯъӣ нақши БРСММ-ро ҳамчун ташкилоти "ҳамгирокунанда" барои Рӯзнома 2030 дар дохили системаи Созмони Милали Муттаҳид таҳким менамояд ва саъю кӯшишҳои БРСММ-ро барои ҳамкорӣ дар миқёси система таҳти UNSDCF мукаммал мегардонад.

**Рушди устувор, фарогир ва «сабз»-и (аз ҷиҳат экологӣ тозаи) иқтисодӣ**

19. Рушди фарогир ва «сабз»-и иқтисодӣ ин омили асосии пешбаранда барои мусоидат намудан ба рушд бо партовҳои ками карбон, паст кардани осебпазирӣ ва баланд бардоштани устувории ҷомеаҳои маҳаллӣ, тезонидани барқарорсозӣ баъд аз COVID-19 ва нигоҳ доштани захираҳои табиии кишвар барои наслҳои оянда мебошад.
20. БРСММ иҷрои нақшаҳои ҳукуматро оид ба тезондани индустриализатсия (саноатикунонӣ) ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ва рақобатпазирӣ дастгирӣ менамояд ва ҳамзамон таъмин менамояд, ки рушд ба бозор нигаронидашуда, фарогир буда, бо Рӯзномаи 2030 мувофиқат намояд. БРСММ сиёсатҳо ва муассисаҳоро барои таъсир намудан ба маблағгузории рушд, беҳтар намудани муҳити мусоид барои соҳибкории навоварона дастгирӣ менамояд ва ба рушди савдои фаромарзӣ (байнисарҳадӣ) ва байналмилалӣ мусоидат менамояд. БРСММ ба ҷорӣ намудани навовариҳоро мусоидат менамояд, имкониятҳои иқтисоди рақамӣ ва идоракунии давлатии электронӣ, ва инчунин моделҳои нави шарикиҳои брокериро, ба монанди ҳамкории шарикони давлатӣ ва хусусӣ, истифода мебарад.
21. БРСММ ба нақша гирифтааст, ки ҷорӣ намудани навовариҳоро бо мақсади мусоидат намудан барои ташкили ҷойҳои корӣ ва беҳтар намудани воситаҳои рӯзгузаронӣ дар минтақаҳои дурдаст, ки дар онҷо гурӯҳҳои аҳолӣ аз осебпазирии зиёд азият мекашанд, тезонад. Баланд бардоштани некӯаҳволии ҷамоатҳои деҳот тавассути истифодаи захираҳои маҳаллӣ ва инкишофи занҷираҳои "сабзи" арзиши иловашуда ба вусъат додани савдо ва ҳамкории фаромарзӣ кӯмак мерасонад. БРСММ ба таҷрибаи истеҳсол ва истеъмоли устувор мусоидат менамояд ва бахши хусусиро дар ривоҷ додани тиҷорати "сабз", мусоидат ба содирот ва рақамӣ кунонии хизматрасонӣ дастгирӣ менамояд.
22. Диққати махсус ба вусъат додани имкониятҳои бо кор таъминкунӣ ва соҳибкорӣ барои занон ва ҷавонон (хусусан ба гурӯҳҳое, ки на дар ягон ҷой мехонанд, на кор мекунанд, на омӯзиш гирифтаанд (гурӯҳҳои NEET) дода мешавад, аз ҷумла оиди таъмини дастрасӣ ба инкишофи малакаҳое, ки барои бо кор таъмин шудан лозиманд ( саводнокии рақамӣ), ва дастрасӣ ба захираҳои иқтисодӣ дода мешавад. БРСММ оиди пешниҳоди тарҳҳои навоваронаи молиявӣ (пулӣ) барои тиҷорат ва бо кор таъминкунӣ, ки ба занон ва ҷавонон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва дигар гурӯҳҳои осебпазир, ба монанди одамоне, ки ба онҳо бӯҳрон таъсир мекунад, равона шудаанд, бо муассисаҳои молиявии миллӣ ҳамкорӣ менамояд. БРСММ бо ҳукумат ва шарикон оиди рушд барои бартараф намудани монеаҳои сохторӣ оид ба кор таъминкунӣ барои ҷавонони аз ҷомеа дур (бегона) карда шуда, монеаҳои ба монанди номувофиқатии малакаҳои вуҷуддошта ба талаботи бозори меҳнат ва кам кардани ҳиссаи шуғли ғайрирасмӣ кор мебарад. Инчунин масъалаи ба кор ҷалб намудан одамони маъюбӣ дошта ва инчунин онҳое, ки дар ҳаракат маҳдудият доранд ва ба ҷои корӣ рафтан душворӣ мекашанд, ҳал карда мешавад.

**Идоракунии ҳамгирошудаи хатари иқлим ва муҳити зист**

23. Дар тули ду соли охир Тоҷикистон имкониятҳо ва иқтидори худро дар самти мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим (МТИ), кам кардани оқибатҳои манфӣ ва паст кардани хавфу хатари офатҳои табиӣ (DRR), бо мақсади тезонидани иҷрои ҳадафҳои дар Чаҳорчӯбаи Сендай[19] ва Созишномаи Париж муайяншуда, ба таври назаррас афзоиш дод. Барои ҳал намудани масъалаи мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим, ки

[19] Дар Стратегияи миллӣ оиди мутобиқшавӣ ба тағйироти иқлим то соли 2030 ва Стратегияи миллӣ оиди кам кардани хавфу хатари офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030 афзалиятҳо ва равандҳои асосиро инъикос карда шудаанд.

идоракунии муҳити зист ва гуногуншаклии биологӣ, таъмини дастрасӣ ба энергияи тоза ва устувории бештар ба офатҳои табиӣ ва инчунин ҷалби ҷамоатҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии шаҳрвандиро дар бар мегирад, муносибати бештар ҳамгирошуда лозим аст. БРСММ ҷиҳати дастгирии ҳукумат дар банақшагирӣ ва татбиқи чораҳои ҳамгирошуда ва таъсирбахш дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ, якҷоя бо агентиҳои Созмони Милали Муттаҳид ва шариконии рушд зич ҳамкорӣ кор хоҳад кард. Азбаски барои рушди устувори иқтисодӣ, бо назардошти хавфҳои вуҷуддошта, биниш ва стратегияи дақиқ лозим аст, ин бевосита бо натиҷаи якуми ҲБК вобаста карда мешавад.

24. Ҳукумати кишвар дастрасиро ба энергияи тоза ва барқароршаванда омили асосии суръатфизо барои ноил шудан ба ҳадафҳои СМР ва принсипи асосии иқтисоди "сабз" мешуморад. БРСММ ба ҳукумати кишвар дар баланд бардоштани самаранокии энергия ва кам кардани партовҳо дар фаъолияти иқтисодӣ ва истифодаи навовариҳои технологӣ барои ҷорӣ намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия кӯмак хоҳад кард. БРСММ инчунин тарҳрезӣ ва мониторинги стандартҳои самаранокии энергия ва ҳавасмандкуниро барои истифодаи манбаъҳои тозаи энергия дар хонаводаҳо ва фаъолияти корхонаҳо дастгирӣ хоҳад кард.

25. Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди табиӣ мебошад. Таъсири пиряххои об шуда истода ва таъсири он ба соҳаи кишоварзӣ ва ҷараёнҳои минтақавии об ташвишовар аст[20]. БРСММ Ҳукуматро дар таҳия намудани нақшаҳо оид ба идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва татбиқ намудани чораҳо оиди идоракунии навоварона, устувор ва ҳаматарафаи захираҳои табиӣ (NRM) дастгирӣ менамояд. БРСММ инчунин фаъолиятро оиди кам кардани хатари офатҳои табиӣ ва зиёд намудани ҷангалзорҳо дар минтақаҳои кӯҳистон дастгирӣ менамояд.

26. БРСММ ҳукуматро дар баланд бардоштани иқтидор ва имкониятҳо оиди идораи устувори экосистемаҳо тавассути амалӣ намудани маҷмӯи чораҳо оиди ҳифзи табиат дастгирӣ менамояд. Илова ба ин, БРСММ дар баҳо додан ба хатарҳои иқлимӣ ва офатҳои табиӣ, муайян намудани ҳадафҳо оиди кам кардани оқибатҳои офтаҳои табиӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва пешниҳоди дастгирии техникӣ ба нақшаҳои маҳаллӣ оиди идоракунии устувори захираҳои табиӣ кӯмак мерасонад. БРСММ дар ҳал намудани масъалаҳои идоракунии партовҳо, коркарди кимиёвии партовҳо ва инчунин оиди коркарди партовҳо дар минтақаҳои шаҳрӣ кӯмак хоҳад кард. Ба ин корҳо БРСММ занон ва ҷавононро ҷалб мекунад.

27. Дар ҳамкорӣ бо дигар агентиҳои Созмони Милали Муттаҳид, БРСММ ҳукумати кишварро дар таъсис намудани системаҳои самараноки мониторинг дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ барои назорат бурдан ва ҳисобот додан дар бораи иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии кишвар, аз ҷумла оиди омода намудан ва ба таври самаранок иҷро намудани Нақшаи миллии мутобиқшавӣ дастгирӣ мекунад. БРСММ инчунин ба ҳукумат дар дастрас намудани механизмҳои нави маблағгузорӣ барои технологияҳои энергияи тоза ва барқароршаванда ва рушди тиҷорати камкарбон тавассути баровардани вомбаргҳои "сабз", гузаронидани музоядаҳо оид ба воситаҳои барқароршавандаи энергия ва ташкили савдои квотаҳо оиди партовҳои карбон кӯмак мерасонад.

**Идоракунии ба эҳтиёҷоти одамон нигаронидашуда ва волоияти қонун**

28. БРСММ дастгирии худро барои амалӣ намудани ислоҳоти давлатӣ дар таъсис намудан ва нигоҳ доштани муассисаҳои идоракунии муассир, фарогир ва масъулиятнок барои комёб шудан ба ҳадафҳои СМР, ҲРУ 16 ва дигар ӯҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон давом медиҳад. БРСММ барои пешбурди идоракунии шаффоф, бо назардошти омилҳои гендерӣ, ва идоракунии давлатии рақамӣ кунонидашуда, бо технологияҳои навоварона, ки метавонанд сифат ва дастрасии хизматҳои давлатиро беҳтар гардонанд, кӯмак мерасонад ва ҳамзамон иқтидор ва имкониятҳоро барои банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати умумидавлатӣ таҳким медиҳад. БРСММ иқтидори идоракунии давлатии маҳаллиро барои беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасонии давлатӣ, бахусус барои одамони маъюб ва дигар гурӯҳҳои осебпазир ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ маҳдудшуда дастгирӣ мекунад. БРСММ ба таъмини волоияти қонун ва дастрас намудани адолат мусоидат мекунад ва иштироки васеи одамонро – хусусан занон ва ҷавонон – дар равиши қарорқабулкунӣ, бо мақсади мусоидат намудан ба баробарӣ ва муттаҳидии иҷтимоӣ дар сатҳи маҳаллӣ дастгирӣ мекунад.

29. Дар ҳамкории шарикӣ бо Академияи идоракунии давлатӣ, БРСММ ба корҳои Ҳукумати кишвар оид ба таъмини шаффофият ва масъулият[21] бо роҳи дастгирӣ намудани ташаббусҳо оид ба ислоҳоти сохтори идоракунии давлатӣ, мусоидат намудан ба ҷорӣ кардани принсипҳои баробарии гендерӣ дар идоракунии давлатӣ (GEPA) ва ҳамкорӣ намудан бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ оиди ҷорӣ намудани тағйирот

[20] Аз соли 1930 инҷониб рӯи сатҳи пиряххои Тоҷикистон ба 30 фоиз кам шуд.

[21] Дар MTDP барои солҳои 2020-2025 таҳлил намудани самаранокии қонунгузории ҳозираи зидди коррупсионро тавсия дода мешавад.

ва навовариҳо ба равандҳои технологӣ саҳми худро мегузорад. БРСММ ташаббусҳоро оид ба рушди иқтидор ва имкониятҳои муосир барои таъмин намудани муҳити мусоид барои ҷорӣ намудани навовариҳои рақамӣ дар бахши давлатӣ[22], ки ин дастгириро оид ба кор даровардани Маркази навовариҳо ва технологияи рақамиро дар бар мегирад, маблағгузорӣ менамояд. БРСММ дастгирии худро ба ташаббусҳои таъсирбахш оид ба идоракунии сарҳадот давом медиҳад ва ба ҳукумати кишвар дар бехавф ва бехатар нигоҳ доштани сарҳадот дар ҳоли барои савдо, ҳамкорӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ ва рафтуомади байнисарҳадӣ кушода мондан кӯмак мерасонад.

30. БРСММ дастгирии худро ба бахши адлия идома медиҳад. Кӯмак барои пешбурди принсипҳои волоияти қонун, аз ҷумла дастгирӣ дар вусъат додани ташаббуси асосӣ (баранда) оиди расондани ёрии ҳуқуқӣ, то ки он ба ҳама гурӯҳҳои аҳолӣ ба осонӣ дастрас гардад, мусоидат менамояд Ба усули ҳифзи ҳуқуқи инсон мусоидат намуда, БРСММ дастгирии худро барои вусъат додани ташаббус оиди муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахс (айнияти ҳуқуқӣ), ки ба дастрасии одилонатар ба хизматрасониҳои давлатӣ мусоидат менамояд, дастгирии худро давом медиҳад. Якҷоя бо Дафтари Омбудсмен (Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон) ва дигар агентиҳои Созмони Милали Муттаҳид кор карда, БРСММ ҳукумати кишварро дар таҳкими иқтидори давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати татбиқи тавсияҳои дар Шарҳи Универсалии Даврӣ оварда шуда, дастгирӣ мекунад. БРСММ инчунин дар таҳкими иқтидори Котиботи Парламент, Кумитаҳои Парламент, ва қонунгузорон оид ба мониторинги афзалиятҳои рушди миллӣ кӯмак мерасонад[23].

## III. Барнома ва идоракунии хавфҳо

31. БРСММ хатарҳои зеринро, ки барои иҷрои барнома монеъ шуда метавонанд, муайян намудааст: (а) захираҳои маҳдуд; (б) таъсири пандемияи тӯлонии COVID; (в) аз тарафи Ҳукумат афзалиятнок донистани иҷрои ислоҳоти иқтисодӣ, бо ӯҳдадориҳои маҳдуд оиди ҳалли мушкилоти идоракунӣ ва волоияти қонун; (г) таҳдидҳои эҳтимолӣ ба муттаҳидии иҷтимоӣ; (д) маълумоти нокифоя барои таҳияи сиёсат дар асоси далелҳо: (е) ноустувории геополитикӣ, ки ба бетартибиҳо дар савдо ва иқтисодиёт оварда мерасонанд ва (ж) таъсири тағйироти иқлим ва хавфу хатарҳои экологӣ ба экосистемаҳо, хоҷагии қишлоқ ва воситаҳои зиндагӣ.

32. БРСММ доираи шарикиҳои стратегӣ ва донорҳои худро ҳаматарафа васеъ мегардонад, бо мақсади ҷалб намудани давлат барои якҷоя пушонидани хароҷотҳо, ба даст овардани маблағгузории нав барои рушд аз ҷониби IFI-ҳо (институтҳои молиявии байналмилалӣ), аз Иттиҳоди Аврупо, донорҳои дуҷониба ва бахши хусусӣ ва инчунин сафарбарии захираҳо якҷоя бо сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид. Хатарҳо тавассути ҳамоҳангсозӣ, ташвиқот ва муколамаи сиёсӣ ва мониторинги мунтазам аз ҷониби Шӯрои Барномавиии ҲБК ва инчунин тавассути воситаҳои идоракунии хавфҳои корпоративӣ идора карда мешаванд.

33. Барнома дар сатҳи миллӣ иҷро карда мешавад. Дар ҳолати зарурӣ, ба ҷои иҷрои барнома дар сатҳи миллӣ, қисме ё тамоми барнома мустақиман иҷро шуда метавонад. Барои идоракунии хатарҳои молиявӣ Муносибати ҳамоҳангшуда ба интиқоли пули накд (HACT)-и бо дигар агентиҳои СММ мувофиқат карда шуда, истифода мешавад. Муайян намудани нарх ва таснифоти хароҷот барои барнома ва баланд бардоштани самаранокӣ ба лоиҳаҳои дахлдор супорида мешаванд.

34. Дигар мақомоти миллӣ ва зермиллӣ ҳамчун шариконии иҷрокунанда, чи тавре, ки дар чаҳорчӯбаи натиҷаҳо ва захираҳо (RRF) муайян карда шудааст, амал менамоянд. Принсипҳои идоракунии барномаҳо таҳияи муштарак, иҷроиш, мониторинг ва тақсимоти хароҷоти лоиҳаҳоро бо истифодаи воситаҳои навоваронаи барномасозӣ, барои ба даст овардани натиҷаҳои баландсифат дар бар мегиранд. Ҳамзамон кафолатҳои иҷтимоӣ ва экологии БРСММ ва механизмҳои ҳисоботдиҳӣ ба таври мунтазам татбиқ карда мешаванд. Барои ҳар як лоиҳа Шӯроҳои лоиҳавӣ таъсис дода мешаванд ва лоиҳаҳо мутобиқи дастурҳои амалии БРСММ тарҳрезӣ ва амалӣ карда мешаванд.

